«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
_____________Ибодуллозода А.
«06» 02 2026

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои1822-1918)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 6.1.2 – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор).

Тибқи қарори шӯрои диссертатсионии 6D. КОА - 024 барои ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (аз 13 январии соли 2026, протоколи № 1), Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ҳамчун муассисаи пешбар таъйин карда шуд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822-1918)» барои баррасӣ дар ҷаласаи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар 04 феврали соли 2026 (протоколи № 7) баррасӣ гардид.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Негматов Давлатшо Нуруллоевич ва номзади илмҳои таърих, дотсент Наҷмуддинзода Толибшо Ашӯр тартиб дода шудааст, қайд мекунад, ки кори диссертатсионии Ализода Алиҷон Анвар мубрам буда, дорои аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мебошад ва дар он муаллиф давраи муайяни таърихӣ ва масъалаҳои мушаххасро баррасӣ кардааст.

Муқарризон қайд мекунанд, ки муаллифи диссертатсия тавонистааст мубрамии мавзӯи тадкиқотро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда, дараҷаи таҳқиқи илмии мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, асосҳои методологӣ, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, чаҳорчӯбаи хронологии мавзӯъ, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии кори пешниҳодшударо муайян кунад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз руйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи «Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)» ба шиносномаи ихтисоси 6.1.2 – Таърихи умумӣ (давраҳои дахлдор), ки он дар шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон марҳалаи комилан нав дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик ба вуҷуд омад. Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузурги миллати тоҷик ба шумор рафта, дар шароити соҳибистиқлолӣ зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи таъриху фарҳанг ва соҳаҳои ҷудогонаи он барои доираҳои илмӣ ба вуҷуд омад. Ин ҳолат барои рушди таърихи халқи тоҷик заминаи мусоидро фароҳам намуд. Зеро соҳибистиқлолӣ ба раванди таҳқиқ ва омӯзиши таърих, метод ва усулҳои таҳқиқ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, ба вижа маводи бойгонӣ имконияти фаррох ва вусъати тоза бахшид. Баробари ин, таърих ва донишҳои таърихӣ ба воситаи муҳимтарини худшиносии миллӣ, ваҳдат ва ягонагии ҷомеаи кишвар табдил ёфтанд.

Омили созанда ва афзояндаи мақоми илми таърих ва донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи кишвар ин, пеша аз ҳама таваҷҷӯҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои

таърихӣ, тамаддун ва оину суннатҳои аҷдодӣ ҳамчун рукнҳои муҳимми муттаҳидкунандаю ваҳдатсоз, воситаи таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Ҳамзамон дар замони соҳибистиқлолӣ дар таърихи халқи тоҷик баъди чандин аср манфиат ва андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлат мақоми калидӣ гирифт ва ин имкон дод, ки муҳаққиқону муаррихон дар пайгирӣ аз сиёсати Сарвари давлат бо назардошти манфият ва арзишҳои миллӣ ба таҳқиқи саҳифаҳои гуногун ва норӯшани таърихи миллат ҳаракат намоянд.

Махсусан, дар ин раванд таҷдиди назар намудани таърихи садсолаи охир ва инъикоси дастовардҳои назарраси замони соҳибистиқлолӣ мақоми тоза ва вижа пайдо намуд. Аз ҷумла, мавзӯи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навтарини ташаккули матбуоти форсӣ дар ҷаҳон равона шудааст, қадаме дар ин самт мебошад. Рисола пеш аз ҳама ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ дар ҷаҳон бахшида шудааст.

Матбуот яке аз воситаи пайвандкунандаи мардум бо ҳамаи шохаҳои ҳокимият буда, баробари бохабар кардани мардумон аз ҳар гуна ҳодисаву воқеаҳои дохиливу хориҷи кишвар, инчунин дар ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии инсон нақши муассир мегузорад. Матбуоти ҳамсони нашрияҳои имрӯза аз қабили рӯзнома, ҳафтанома, моҳнома, маҷалла, фаслнома ва монанди инҳо мисли дигар ҳама воситаҳои алоқа ва табъу нашр бидуни истисно раҳоварди тамаддун ва фарҳанги Аврупо буда, аммо дар манотиқи гуногуни қаламрави забони форсӣ бо номҳои гуногун шуҳрат пайдо намудаанд. Ҷанбаъҳои гуногуни масъалаи мазкур ошкор карда мешавад, ки ин муҳиммияти мавзуи диссертатсиониро ташкил менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида ва маълумоти матбуоти даврӣ роҷеъ ба таърихи

таъсис ва ташаккули матбуоти форси ( солҳои 1822–1918) таҳқиқоти маҷмуии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихи халқи тоҷик ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои мухталиф, адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи рушд ва инкишофи матбуоти форсиро пешниҳод намудааст.

Диссертант тавонистааст доираи васеи манобеъ – ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти илмиро истифода бурда, онҳоро бо усули таърихию муқоисавӣ мавриди таҳлил диҳад. Муаллиф хулосаҳои умумии илмӣ ва пешниҳодҳои амалиро рӯи кор овардааст, ки қобилияти мустақилонаи ӯро дар коркарди мавзуъ собит месозад.

Авторефарати диссертатсия, гузориш ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи Ализода Алиҷон Анвар (9 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА) муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгони аз он иборат аст, мавзуи таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ бори нахуст мавриди бараси қарор гирифтааст. Аз ҷумла:

- ташаккул ва инкишофи матбуоти форсизабон дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон баррасии илмӣ карда шудааст;
- таърихи ин ҷараён дар Эрон аз оғози асри 19 то аввали асри 20 ба монанди рӯзнома ва ҳафтаномаҳои давлативу ғайридавлатӣ таҳлил гардидааст;
- оиди матбуоти форсӣ дар Осиёи Миёна, ба монанди “Бухорои шариф”, нақши он дар паҳн гаштани афкори миллию озодихоҳӣ, инчунин мундариҷаи онҳо таҳлил гардидааст.
- дар диссертатсия таҳқиқи илмии зодгоҳи матбуоти форсӣ нимҷазираи Ҳинд бо тафсилоаш оварда шудааст.

- пайдоиши матбуоти форсӣ дар дигар давлатҳо, мазмуну муҳтавои онҳо бахши дигари рисолаи илми мебошад, ки саҳифаи наверо дар ҳаёти фарҳангиву маънавии мардумони ин сарзаминҳо равшан месозад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиии таҳқиқот.** Бори аввал дар асоси таҳлили доираи васеи маводи бойгониҳо, маълумоти омориву санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти илмӣ таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918) мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои илмии рисола ба раванди омӯзиши таърихи ташаккули матбуоти форсӣ, махсусан омӯзиши таърихи давраи нави халқи тоҷик ба мутахассисони соҳаи таърих ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мусоидат хоҳад намуд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълим ва омӯзиши фанҳои ҷомеашиносӣ, пеш аз ҳама «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи журналистикаи тоҷик» ва курсҳои махсус оид ба таърихи давраи навтарин ба таври васеъ истифода хоҳанд шуд.

Хулосаҳои таҳқиқот ва таҳлилҳои илмии дар рисола ҷойдошта барои нишон додани рушд ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822–1918) ҳангоми таълифи асарҳои ҷомеи бунёдӣ оид ба таърихи ташаккул ва рӯшди матбуоти форсӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси манбаъҳои муътамад, шумораи зиёди асарҳои илмии нашргардида ва маълумоти матбуоти даврӣ роҷеъ ба таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822–1918) таҳқиқоти маҷмӯии нисбатан мукаммали илмиро бори аввал дар таърихи ватанӣ ба анҷом расонидааст. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиши сарчашмаҳои

мухталиф, адабиёти илмӣ муҳаққиқ таърихи давраи навтарини матбуоти форсӣ пешниҳод намудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо кори диссертатсионӣ алоқамананд, 9 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки аз он 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар маводи конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба нашр расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар кори мустақилона анҷомдода ба шумор рафта, аз соли 2020 то ин ҷониб таҳқиқот сурат гирифтааст. Диссертатсияи пешниҳодгардида дар ҳаҷми 179 саҳифаи матни компютерӣ таълиф шуда, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳрасти манобеъ ва адабиёти истифодашуда (бо 181 номгӯй) иборат мебошад.

Муқаддимаи рисола яке аз бахшҳои муҳим ва муфассалтарини он буда, асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муайян мекунад. Дар он зарурати омӯзиши таърихи таъсис ва рушди матбуоти форсӣ асоснок мегардад.

**Боби якуми диссертатсия «Таъсис ва ташаккули нашрияҳои чопӣ дар Эрон»** номгузори шуда шуда аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал **«Вазъи матбуотӣ Эрон то Инқилоби машрута» масъалаи чопи аввалин рӯзнома бо забони форсӣ ва то Инқилоби машрутаро дар бар мегирад.** Диссертант зикр менамояд, ки таърихи матбуот дар Эрон аз чопи нашрияе бо номи «Қоғази ахбор» дар соли 1837 аз ҷониби Мирзо Солеҳи Шерозӣ оғоз меёбад. Аммо пайдоиши рӯзнома ба таври муназзам аз хадамоти Мирзо Тақихон Амири Кабир аст. Ин сарвазири ислоҳталаб монанди тарҳҳои фарҳангии дигараш, ки дар Эрон анҷом дод, ба таъсиси рӯзнома низ иқдом намуд. Рӯзномаи «Вақоеи иттифоқия» аввалин рӯзнома дар замони садорати вай аст, ки дар шаҳри Теҳрон мунташир гардид.

Муаллиифи диссертатсия қайд кардааст, ки аз нахустин рӯзнома то оғози Инқилоби машрутаи Эрон дар шаҳри Теҳрон рӯзномаҳои «Қоғази ахбор», «Воқеаи итифоқия», «Рӯзномаи давлатии олияи Эрон», «Рӯзномаи Эрон», «Вақоеъи адлия», «Солномаи Эрон», «Низомия, илмия ва адабия», «Рӯзномаи илмӣ», «Миррих», «Рӯзномаи низомӣ», «Ҷаридаи наҷот», «Иттилоъ», «Дониш», «Урдуи ҳумоюн», «Ҳаллоҷ», «Шарофат», «Тарбият», «Омори бозаргонии хориҷии Эрон», «Хулосату-л-ҳаводис» ва ғайра табъу нашр мешуданд.

**Зербоби дуюми боби аввал «Таҳаввулоти нашрияҳо дар замони Инқилоби машрута»** ном дошта, муаллиф менависад, ки пас аз таъсиси Маҷлиси Шурои Миллӣ (парламент) дар соли 1906 дар фаъолияти рӯзномаҳои ғайридавлатӣ таҳаввулоти бузург ба амал омад. Вожаи «озод» аввалин шуда рӯйи рӯзномаи «Маҷлис» сабт карда шуд. Қонуни матбуот 8 феврали соли 1908 дар Маҷлиси Шурои Миллӣ бо ҳузури 88 нафар вакил бо 76 райъ ба тасвиб расида, пас аз имзои раиси парламент Эътишодуссалтана ба дарбори шоҳ фиристода шуд.

Муаллифи рисола дуруст қайд мекунад, ки дар соли 1907 теъдоди рӯзномаҳои форсӣ хеле афзоиш ёфтааст. Аз 77 рӯзномае, ки дар ин сол интишор меёфт, 48-тояш дар пойтахт, 8-тояш дар Исфаҳон, 7-тоаш дар Рашт, 3-тоаш дар Ҳамадон, 5-тоаш дар Табрез ва боқимондааш дар шаҳрҳои Машҳад, Шероз, Язд, Кирмон, Урумия, Анзалӣ табъу нашр мешуд.

Аз ошноӣ бо мазмуну муҳтавои матбуоти ин давра ва таҳқиқу таҳлили он метавон хулоса кард, ки аз оғози Инқилоби машрутаи (конститутсионии) Эрон дар соли 1906 то давраи Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) матбуоти ин кишвар таърихи пурпечутоб ва пурмоҷарову фоҷеаангезеро тай намудааст.

**Боби дуюми диссертатсия «Таъсиси матбуоти форсӣ-тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ»** аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал, ки **«Бухорои шариф» нахустин рӯзномаи форсӣ-тоҷикӣ»** ном дорад,

муаллиф дар бораи нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» маълумотҳои дақиқ пешниҳод менамояд.

Қайд гардидааст, ки нахустин шумораи нашрияи сирф тоҷикӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна бо номи «Бухорои шариф» 11-уми марти соли 1912 дар Когон бо сардабирии Мирзо Ҷалол Юсуфзода нашр гардида, фарогири масъалаҳои таълиму тарбия, маориф, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти кишоварзӣ аз қабили пахтакорӣ, ғаллакорӣ, пиллапарварӣ, чорводорӣ, боғу токпарварӣ, тавлиди пӯсти қарокул, қолинбофию гилембофӣ, гулпарварӣ ва ғайра будааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд кардааст, ки муҳаррирони «Бухорои шариф» дар 153 шумораи ба табъ расида, масъалаҳои дар назадашон гузошташударо тавонистаанд ба пуррагӣ иҷро намоянд.

Дар зербоби дуюми ҳамин боб – **«Нақши матбуоти форсӣ – тоҷикӣ дар бедории афкори миллӣ»** муаллиф менависад, ки дар радифи ҳайати идорию эҷодии рӯзномаи «Бухорои шариф» дар рушди кори рӯзноманигорӣ ба забони форсӣ яке аз пешвоёни маъруфи ҳаракати ҷадидия дар Осиёи Миёна Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ низ саҳми муносиб гузоштааст. Рӯзнома ва маҷаллаи таъсиснамудаи ӯ бо номҳои «Самарқанд» ва «Ойина» дар бедории фикрии ҷавонони тоҷик ва тарғибу ташвиқи ҳаёти нав нақши нек бозидаанд.

Дар зербоби мазкур қайд гардидааст, ки дар баробари рӯзномаҳои «Самарқанд» ва «Ойина», инчунин дар ҳудуди Осиёи Миёна рӯзномаҳои «Туҷҷор», «Хуршед», «Садои Фарғона», «Садои Туркистон», «Иштирокиюн», «Ҳуррият» низ дар саҳифаҳои худ ба забони форсӣ-тоҷикӣ маводи насрию назмиро нашр мекарданд.

Боби сеюми диссертатсия **«Ҷойгоҳи матбуоти форсӣ дар дигар кишварҳо»** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби сеюм **«Омилҳои пайдоиши матбуоти форсӣ дар Ҳиндустон»** таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ дар ин сарзамин, ки маҳди матбуоти форсӣ мебошад, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертант таърихи ташаккул ва такомули матбуоти форсӣ дар Ҳиндустонро хуб таҳлил намуда онро ба чаҳор давра тақсим карда, ҳар як давраро мкфассал таҳлил намудаааст. Қайд гардидааст, ки дар ин давра дар Ҳиндустон як қатор рӯзномаҳо бо забони форсӣ нашр мешуданд. Аз ҷумла,

«Ҷоми ҷаҳоннамо», «Миръоту-л-ахбор», «Шамс-ун-наҳор», «Ахбори Сиромпур», «Оинаи Сикандар», «Моҳи оламафрӯз», «Зубдат-ут-таворих», Лудиёна ахбор», «Баҳри маввоҷ», «Банголат», «Сироҷ андру», «Самоҷор сакҳа Ранҷандар», замимаи ҳафтаномаи «Говарнамнат газет», «Ҳаблу-л-матин».

Дар зербоби дуюми боби сеюм, ки **«Ҷойгоҳи нашрияҳои форсӣ дар дигар кишварҳо»** ном дорад, гуфта мешавад, ки дар давраи мавриди назари муаллиф рӯзномаҳо ба забони форсӣ ҳамчунин дар ҳудуди давлатҳои имрӯзаи Гурҷистон, Озарбойҷон, Туркия, Афғонистон, Миср, Англия, ИМА, Олмон, низ табъу нашр мешуданд. Инҳо «Ахбори Тифлис», «Кашкул», «Ҳақоиқ», «Иршод», «Маҳзар», «Байрақи адолат», «Озарбойҷон ҷузъи лоянфаки Эрон», «Садои Эрон», «Ҳуррият», «Ахбор», «Суруш», «Шамс-ун-наҳор», «Сироҷ-ул-ахбор», «Чеҳранамо», «Қонун», «Сурайё», «Озодӣ», «Порс» ва ғайра ном доштанд. Муаллифи рисола онҳоро ба таври возеҳу равшан инъикос намудааст.

Дар хулоса муаллиф фикру андешаҳои худро ҷамбаст карда, пешниҳодҳои муфассал ва ҷолиб намудааст

Бо вуҷуди ҷиҳатҳои мусбии илмӣ ва арзиши амалӣ доштани рисолаи мазкур, баъзе нуқсонҳо ва камбудиҳои ҷузъӣ дар диссертатсия мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо метавонад сатҳи илмии рисоларо боз ҳам баландтар гардонад:

1. Дар баъзе мавридҳо таҳлили манбаҳо бештар хусусияти тавсифи дорад на таҳлили амиқи муқоисавӣ, яъне диссертант ба таҳлили рисола камтар таваҷҷуҳ кардааст. Хуб мешуд агар диссертант методҳои

таҳлилии таърихиро истифода мекард, ки арзиши илмии рисола боз ҳам хубтар мешуд.

2. Дар раванди таҳқиқи диссертатсия муаллиф аз осори олимони Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёна истифода намудааст. Аммо аз таҳқиқи олимони Ғарб дар таълифи диссертатсия истифода нагардидааст.

3. Дар баррасии баъзе масъалаҳо, аз ҷумла нақши матбуоти форсӣ дар кишварҳои гуногун, таҳлилҳо нисбатан кам оварда шудаанд. Ба таври пурратар баррасӣ намудани фаъолияти баъзе нашрияҳои муҳим метавонад мазмуни боби сеюмро васеътар гардонад.

4. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоиву техникӣ ҷой дошта, ислоҳи онҳо ба нафъи муаллиф мебошад.

Ин нуктаҳои зикршуда характери тавсиявӣ дошта ба мӯҳтавои илмии рисола таъсири манфӣ намерасонанд. Баръакс, онҳо имконият медиҳанд, ки кори муаллиф дар таҳрири оянда боз ҳам такмил ёбад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар дар мавзуи **«Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ (солҳои 1822-1918)»** аз лиҳози илмӣ, сохторӣ ва мазмунӣ ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, кори анҷомёфтаи мустақилона ва арзишманди илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Ализода Алиҷон Анвар муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии ӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ализода Алиҷон Анвар **«Таърихи таъсис ва ташаккули матбуоти форсӣ ( солҳои 1822-1918)»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руи ихтисоси 6.1.2– Таърихи умумӣ мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналамилалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 4 феврали соли 2026, суратмаҷлиси №7 муҳокима ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 13 нафар аъзои кафедра ширкат варзидаанд. Аз 13 нафар аъзои дар ҷаласа ҳузурдоштаи кафедра ҳама барои тасдиқи тақризи мазкур овоз доданд.

**Раиси маҷлис:**

Номзади илмҳои таърих, муаллими
Калони кафедраи таърихи умумӣ ва
муносибатҳои байналмилалии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мирзоев Ф.А.

**Котиби ҷаласа:**

Номзади илмҳои таърих, дотсенти
Кафедраи таърихи умумӣ ва
муносибатҳои байналмилалии
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмуддинзода Т.А.

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ
Телефон: (+992 37) 2241383; E-mail: info@tgpu.tj
https://www.tgpu.tj/

Имзоҳои Негматов Д.Н. ва Наҷмуддинзода Т.А.-ро
тасдиқ мекунам Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.
“_04_” ___02_____ соли 2026

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС